# МАҶЛИСИ ЯКҶОЯИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН ВА ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

29-уми декабри соли 2025 маҷлиси якҷояи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти соли 2025 ва вазифаҳо барои соли 2026 баргузор гардид. Маҷлисро президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ш. Сафаров ифтитоҳ намуда, рӯзномаи онро ба муҳокимаи иштирокчиён пешниҳод кард. Тибқи рӯзнома нахуст, ҳисоботи фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар соли 2025 ва самтҳои афзалиятноки фаъолият барои соли 2026 аз ҷониби Ш. Сафаров, президенти Академия ироа гардид. Мавсуф зимни ҳисобот, қайд кард, ки дар соли ҳисоботӣ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, рушди захираи кадрии илмӣ, такмили стандартҳои таълимӣ, навсозии барномаҳои таълимӣ ва таҳияи маводи методӣ дар меҳвари сиёсати илмии Академия қарор дошт. Дар идомаи маҷлис, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ С. Ниёзӣ оид ба фаъолияти Пажӯҳишгоҳ дар соли 2025 ва вазифаҳо барои соли 2026 ҳисобот пешниҳод намуд. Ӯ зикр кард, ки Пажӯҳишгоҳ дар давраи ҳисоботӣ дар самти бознигарии стандартҳо, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, маводҳои илмӣ-методӣ ва рушди таҳқиқоти педагогӣ фаъолияти назаррас анҷом додааст. Сипас, А. Раҳмонзода - сардори раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сухан баромада, ёдрас шуда, қайд кард, ки дар давоми 34 соли соҳибистиқлоли ҷумҳурӣ ба соҳаи илму маорифи кишвар аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, соҳаи илму маориф дар ин давра рушду равнақ ёфт ва ба дастовардҳои назаррас ноил гардид, ки дар пешрафту комёбиҳои он хизмати олимону ходимони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ намоён эҳсос мешавад. Новобаста аз ин, бояд ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба самаранок иҷро намудани талаботи дахлдори стратегия, консепсия, барномаҳои рушди соҳаи маориф ва ислоҳоти соҳа дар раванди таҳқиқу пажӯҳиш тадбирҳои зарурӣ андешида шавад. Дар идомаи маҷлис муҳокимаи масъалаҳои баррасишуда сурат гирифта, иштирокчиён фикру пешниҳодҳои худро ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти илмӣ ва таълимӣ иброз намуданд. Ҳамзамон лоиҳаи қарори Маҷлиси умумии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар соли 2025 ва вазифаҳо барои соли 2026» мавриди баррасӣ ва тасдиқ қарор гирифт. Илова бар ин, Нақшаи кори Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2026, ки аз ҷониби саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон М. Каримзода пешниҳод гардид, баррасӣ ва тасдиқ карда шуд. Дар ин нақша самтҳои асосии фаъолияти илмӣ, таҳқиқотӣ, методӣ ва ташкилии Академия барои оғози соли 2026 муайян гардидаанд. Маҷлис бо сухани ҷамъбастии президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ш. Сафаров анҷом ёфт, ки дар он вазифаҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳаи маориф ва илм дар соли 2026 мушаххас карда шуданд.

















